# Суратмаҷлиси № 30 –и

Шурои диссертатсионии 6D. КОА-036-и назди Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода дарёфти дараҷаи илмии номзади илми филология аз рӯйи ихтисоси 10.02.20. – Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ

аз 25 ноябри соли 2023

ш.Душанбе

**Иштирок доштанд:**
аз 11 нафар аъзои Шурои диссертатсионӣ 11 нафар, аз рӯи ихтисос 5 нафар

25 ноябри соли 2023, соати 13:00 дар толори Шурои олимони Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода (734019, Ҷумҳурии Тоҷикистон, кӯчаи Муҳаммадиев 17/6.) ҷаласаи Шурои диссертатсионии 6D.КОА-036 баргузор гардид.
Вақти анҷоми ҷаласа:15:25.

**Раиси ҷаласа:** доктори илми филология, профессор Турсунов Ф.М.
**Котиби илмӣ:** номзади илми филология, дотсент Ҳасанова Ш.Р.

## РӮЗНОМА:

Ҳимояи ошкорои диссертатсияи **Ҷанг Лей, барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илми филология аз рӯйи ихтисоси 10.02.20. – Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ** Ахбори раиси, Шурои диссертатсионӣ, доктори илми филология, профессор Турсунов Ф.М. шунида шуд.

Диссертатсия дар кафедраи забонҳои хориҷии факултети забонҳои Осиё ва Аврупои Донишгоҳи миллӣ иҷро шудааст.

**Роҳбари илмӣ – Имомзода Маҳина Муҳаммадюсуф** -номзади илми филология, дотсенти кафедраи забонҳои хориҷии факултети забонҳои Осиё ва Аврупои Донишгоҳи миллии Тоҷикистон.

**Муқарризони расмӣ:** Мухторов Зайнидин Мухторович - доктори илми филология, ректори Филиали Донишкадаи рушди менеҷменти Сингапур дар шаҳри Душанбе;

**Маҳмудова Фарангис Сирочидиновна**, номзади илми филология, муаллими калони кафедраи забонҳои Шарқи факултети забонҳои хориҷии Донишгоҳи славянии Руссияву Тоҷикистон.

Котиби илмии Шуро дар бораи довталаби дараҷаи илмӣ ва ҳуҷҷатҳои пешниҳодшуда маълумот дод.

Диссертант Ҷанг Лей оид ба мухтавои кори диссертатсионӣ ба ҳозирин маълумот дод. Ба саволҳои аьзои Шурои диссертатсионӣ, доктори илми филология, профессор **Каримов Шухрат Бозорович**, номзади илми филология, дотсент **Матробиён Саодатшо Қосимзода,** номзади илми филология, дотсент **Ҳасанова Шаъло Раҳмоновна,**.ва доктори илми филология, профессор **Турсунов Фаёзҷон Мелибоевич** ҷавоб дод.

Роҳбари илмӣ, номзади илми филология, дотсент Имомзода Маҳина Муҳммадюсуф тақризашро пешниҳод намуд.

Котиби илмии Шуро матни тақризи муассисаи пешбар - Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи Б.Ғафуров ва тақризҳои ба автореферати диссертатсия воридшударо хонд.

Муқарризони расмӣ – Мухторов Зайнидин Мухторович - доктори илми филология, ректори Филиали Донишкадаи рушди менеҷменти Сингапур дар шаҳри Душанбе ва Маҳмудова Фарангис Сироҷидиновна, номзади илми филология, муаллими калони кафедраи забонҳои Шарқи факултети забонҳои хориҷии Донишгоҳи славянии Руссияву Тоҷикисттон баромад намуданд.

Ба эродҳои муқарризони расмӣ диссертант ҷавоб дод.

Докторони илми филология, профессорон **Қосимов Олимҷон Ҳабибович, Каримов Шухрат Бозорович, Ҷабборова Марҳабо Тухтасуновна, Гулназарзода Жило Бурӣ ва Турсунов Фаёзҷон Мелибоевич** баромад карда, диссертатсия, автореферат ва дастоварду натиҷаҳои илмии довталабро баррасӣ намуданд.

Сухани хотимавии диссертант шунида шуд.

Тариқи овоздиҳии ошкоро комиссияи ҳисоб барон овоздиҳии пинҳонӣ таъин гардид ва дар ҳайати он 3 нафар аъзои Шурои диссертатсионӣ – доктори илми филология, профессор **Қосимов Олимҷон Ҳабибович**, номзади илми филология, дотсент **Матробиён Саодатшо Қосим** ва номзади илми филология, дотсент **Насруллоев Муҳаммад Нуруллоевич** интихоб гардиданд.

Аз 11 нафар аъзои Шуро 11 нафар ҳузур доштанд: аз инҳо 3 нафар доктори илм ва 2 нафар номзади илм аз рӯйи ихтисоси илмии диссертатсия.

Натиҷаи овоздиҳӣ: тарафдор - 11, муқобил - нест, бетараф - нест.

Аъзои Шуро тариқи овоздиҳии ошкоро протоколи комиссияи ҳисобро

тасдиқ намуданд.

Тариқи овоздиҳии ошкоро хулоса ва қарори Шурои диссертатсионӣ дар бораи ба Чанг Лей додани дараҷаи илмии номзади илми филология қабул гардид.

**ҚАРОРИ**
**Шурои диссертатсионии 6D.КОА-036-и назди**
**Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи**
**Сотим Улуғзода**

**аз 25.11. 2023** **ш. Душанбе**

Баромади Чанг Лей барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илми филология аз рӯйи ихтисоси 10.02.20. – Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ, тақризи муассисаи пешбар – Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи Бобоҷон Ғафуров, баромади муқарризони расмӣ – Мухторов Зайнидин Мухторович - доктори илми филология, ректори Филиали Донишкадаи рушди менеҷменти Сингапур дар шаҳри Душанбе, Маҳмудова Фарангис Сироҷидиновна, номзади илмҳои филологӣ, муаллими калони кафедраи забонҳои Шарқи факултети забонҳои хориҷии Донишгоҳи славянии Руссияву Тоҷикистон, муқарризони ғайрирасмӣ докторони илм, профессорон **О. Ҳ. Қосимов, Ш.Б Каримов, М.Т.Ҷабборова, Г. Ж. Бурӣ ва Ф. М.Турсуновро** шунида, Шурои диссертатсионӣ дар асоси натиҷаҳои овоздиҳии пинҳонӣ, хулосаи қабулкардаи худ оид ба диссертатсия дар бораи асолат, арзиш, навоварӣ ва натиҷаҳои ба дастовардаи **Чанг Лей**

**ҚАРОР ҚАБУЛ МЕКУНАД:**

1. Диссертатсияи **Чанг Лей** барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илми филология аз рӯйи ихтисоси 10.02.20. – Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ ба талаботи бандҳои 31 ва 33-35-и Тартиби додани дараҷаи илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267 тасдиқ шудааст, комилан мувофиқат мекунад;
2. Маводҳои илмии чопшудаи муҳаққиқ мазмуну мундариҷаи диссертатсияро пурра инъикос менамояд;
3. Ба **Чанг Лей** дараҷаи илмии номзади илми филология дода шавад;
4. Аз Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон хоҳиш карда мешавад, ки ба **Чанг Лей** дипломи дараҷаи илмии

номзади илми филология аз рӯйи ихтисоси 10.02.20 – Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавиро диҳад.

Касе, ки тарафдори ин қарори Шурои диссертатсионӣ бошад, хоҳиш менамоям, овоз диҳад.

Зид, бетараф? Нест. Якдилона қабул карда шуд.

Раиси Шурои
диссертатсионӣ, профессор Турсунов Ф.М.

Котиби илмии Шурои
диссертатсионӣ, дотсент Ҳасанова Ш. Р.

25.11.2023с.